**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи "SMM (social media marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ)**

Мавзуи кори таҳқиқии Маъруфзода Маҳноза Маъруф мубрам буда, ба таҳқиқи шабакаҳои иҷтимоӣ ва SMM ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ бахшида шудааст.

Дар замони муосир бо рушди Интернет иртиботи маҷозӣ доманаашро васеъ намуда, шабакаҳои иҷтимоӣ, дастгоҳҳои мобилӣ ва воситаҳои технологияи рақамӣ ба низоми ягонаи байналмилалӣ пайваст шудааст. Дар баробари ин иртиботи маҷозӣ шаклҳои тоза пайдо карда, дар раванди истеҳсол, паҳн ва истеъмоли иттилоот дигаргуниҳо ба вуҷуд омадааст. Ин ва дигар омилҳои технологӣ ва иртиботӣ зарурати ҷорӣ намудани хидматрасониҳои маркетингро дар шабакаҳои иҷтимоӣ (SMM) ба миён овардааст. Дар фаъолияти рӯзноманигорӣ ин самти нисбатан тоза буда, дар марҳалаи ташаккул ва рушд қарор дорад. Ба хусус дар фазои иттилоотии Тоҷикистон дарк ва истифодаи имкониятҳои самараноки SMM дар ҳолати шаклгирӣ қарор дошта, роҳҳои паҳн кардани иттилооти хушсифат ва барои ҷомеа аҳаммиятнок тадриҷан ҷӯё мешавад.

Рушди интернет, аз як тараф, имкон фароҳам овард, ки иттилоот зуд дастрас гардад, гардиш хурад, иртиботи мутақобиларо ба вуҷуд орад, аз тарафи дигар, шеваҳои кори рӯзноманигоронро ҷиҳати интихоб, коркард ва паҳши иттилоот тағйир диҳад. Агар қаблан рӯзноманигории интернетӣ танҳо сомонаҳои хабариро фаро мегирифт, имрӯз бо таъсири SMM роҳҳои гуногуни тасниф ва тавсифи муҳтаво, таваҷҷуҳи аудитория, таъсир ба афкор ва сохтани бренд (намоном) пайдо шудаву шакл гирифтаанд.

Омӯзиши имкониятҳои маркетинг дар шабакаҳои иҷтимоӣ, раванди инкишофи SMM ва таъсиргузории он ба фаъолияти рӯзноманигорӣ,

корбурди воситаҳои ЗС дар таҳияи мавод (матн, тасвир, видео, садо) муҳим ва аҳаммиятнок буда, таҳқиқи илмӣ ва баррасии ин ҷиҳатҳо ба рушди рӯзноманигории миллӣ ва мавқеъ пайдо кардани он дар сатҳи байналмилалӣ замина фароҳам оварда метавонад.

Навгонии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки дар он нахустин маротиба ба таври нисбатан фарогир нақши шабакаҳои иҷтимоӣ (SMM –Social Media Marketing) дар таъсир расонидан ба афкори омма дар шароити Тоҷикистон, бо назардошти воридшавии расонаҳо ба шабакаҳои иҷтимоӣ, вежагиҳои шакливу муҳтавоии онҳо, менеҷери SMM ва талаботи касбию эҷодии ӯ, имкониятҳои истифодаи зеҳни сунъӣ ва амсоли ин мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Маводди диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқ дорои ҷанбаи таърихӣ, усулӣ ва муҳтавоӣ буда, натиҷаҳои ҳосилшуда имкон медиҳад, ки асосҳои назариявии маркетинг ва корбурди он дар шабакаҳои иҷтимоӣ омухта шавад, омилҳои иҷтимоӣ ва техникии зуҳури шабакаҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ва роҳу усулҳои истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ дар пахши иттилоот мушаххас ва мавқеи SMM дар низоми ВЭАО муайян карда шавад. Дар таҳқиқу баррасии ин ҷиҳатҳо диссертант ба методҳои таҳлили анъанавӣ, муқоисавӣ ва контентӣ такя намудааст.

Диссертатсияи мазкур барои фанни техника ва технологияи ВАО, муқаддимаи ихтисос, саводи расонаӣ ва модули фанҳои тахассусиву интихобӣ мавод дода метавонад. Дар асоси он таҳияи дастури таълимӣ оид ба воситаҳои SMM дар пахши иттилоот ва ташкили иртибот имконпазир аст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро бозгӯ менамоянд.

Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ ба доираи масоили пажуҳишии шиносномаи ихтисоси илмии 6D050401 – Рӯзноманигорӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 15

мақола, ки 9-тояш дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия мувофиқ мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи довталаби уновни доктори фалсафа (PhD) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводди чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд. Дар диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф дар мавзуи «SMM (social media marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Мавзуи диссертатсияи Маъруфзода Маҳноза Маъруф **«SMM (social media marketing) ҳамчун воситаи таъсир ба афкори ҷамъиятӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-123-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори

кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии «Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон»;

- **Шарипов Сангимурод Исматуллоевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи рӯзноманигории факултети филологияи тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носир Хусрав»;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Муродӣ М.Б.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Бозорзода Н.Ш.

номзади илмҳои филологӣ,
мудири шуъбаи иттилоот ва таҳлили
МД «Маҷаллаи Алоқа» Абдуҷалилов Ф.Н.

«01» 07 соли 2026.